## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Ғаффоров А. О. дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ.**

Чунонки забоншиносон эътироф мекунанд, мағз ва ҷавҳари синтаксиси забонро воситаҳои алоқаи грамматикӣ созмон медиҳанд, зеро дар қоидаи пайвасти калимаҳо, дар қонунияти ташкили хелҳо ва гурӯҳҳои гуногуни ибораҳо хусусияти миллии забон равшан намоён мегардад.

Аз ин нигоҳ, мавзӯи диссертатсияи Ғаффоров А. О., ки ба таҳлил ва тасвири хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) бахшида шудааст, арзиши муҳимми илмиву амалӣ дорад. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки таҳқиқи наҳви осори гаронбаҳои давраи классикӣ дар замони ҳозира аз масоили басо мубрами забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Махсусан, забони осори насри бадеии классикӣ, ки дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик нақши бузург гузоштааст, баҳри ифшои рӯшанӣ андохтан ба хусусиятҳои зиёди алоқаи калимаҳо ва равобити муносибатҳои наҳвии онҳо аҳамияти махсус дорад.

Диссертатсия фарогири муқаддима, чаҳор боб, хулосаву рӯйхати адабиёт мебошад. Муқаддимаи диссертатсияро гузориши масъала, зарурати интихобу дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, аҳамияти илмӣ ва назариявии он, методҳои таҳлилу пажӯҳиши мавзӯи интихобшуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, сарчашмаҳо ва таърихи омӯзишу доираи густариши ибораҳои феълӣ фаро гирифтааст. Ин қисмати диссертатсия тибқи талаботи сохтори рисолаҳои докторӣ дуруст таҳия шудааст.

Боби якуми диссертатсия"**Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ"** унвон дошта, муаллиф дар он дар заминаи маводи фаровони мушаххас мавзӯи ибораҳои феълиро дар забони тоҷикӣ ҳаматарафа таҳқиқ намудааст. А. О. Ғаффоров дар боби якуми диссертатсия системаи синтаксисӣ ва акидаи олимони машҳури русу хориҷӣ ва ватаниро доир ба ибора аз нигоҳи танкидӣ таҳлил намуда, дар бораи масъалаҳои умумии назарияи ибора ба таври хеле мухтасар таваққуф менамояд. Инчунин дар фасли охири ин боб шаклгирӣ ва рушди ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI мавриди пажуҳиш қарор гирифта, дар рафти таҳқиқ ба баъзе масоили ҳалношудаю баҳсталаб, ки дар ин мавзӯъ зиёд аст, диккати амиқ дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия "**Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ"** номгузорӣ шуда, аз шаш фасл иборат аст. Дар боби мазкур муҳаккик тамоми маводи ибораҳои феълии насри давраи таҳқикро бо пешояндҳои аслӣ аз назари таҳқиқ гузаронида, дар айни замон бо ҳар як пешоянд басомади онро таъин кардааст. Дар рафти таҳлилу баррасӣ ҳам гурӯҳҳои луғавию семантикӣ ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи тобеъ муқаррар гардидааст. Дар ҳамин замина, ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ дар сарчашмаҳои хаттии мавриди назар аз нигоҳи сохтору маъно ҳамаҷониба таҳлилу тасвир шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия "**Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасоянд"** унвон гирифта, дар ин боб алоқаи калимаҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ тавассути пешояндҳои номӣ, пасоянд ва пешоянду пасоянд таҳқиқ шудааст. Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки ибораҳои феълии давраи мавриди назар вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳояшон, чунонки дар забони адабии ҳозираи тоҷик мушоҳида мешавад, ба истисноӣ муносибатҳои асосии наҳвӣ боз тобишҳои гуногуни маъноро ифода менамоянд. Инчунин муаллиф маводи осори давраи таҳқикро бо маводи

ҳамгуни забони адабии ҳозираи тоҷик ба тариқи муқоиса омӯхта, хулосаву натиҷаҳои муфид мебардорад, ки аҳамияти илмиву амалӣ доранд.

Дар боби чоруми диссертатсия "**Баррасии хусусиятҳои маънонии ибораҳои феълӣ**" номгузорӣ гардида, таснифоти маънонии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии давраи мавриди назар таҳқиқ шудааст. Дар ин боб маънои луғавии калимаҳо омили муҳимми алоқаи калимаҳо дар ибора ба ҳисоб гирифта шудааст. Маълум аст, ки маънои луғавӣ бе маънои грамматикӣ вуҷуд дошта наметавонад. Андешаҳои муҳаққиқ доир ба алоқамандии маънои грамматикӣ бо маънои луғавӣ қобили қабуланд.

Ҷиҳати мусбати дигари таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар охири ҳар боб баррасии масъалаҳои гузошташуда натиҷагирӣ карда мешавад, ки ин арзиши илмии корро боз ҳам афзунтар намудааст.

Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Нуктаҳои назариявии мавзӯъ бо мисолҳои муътамад аз осори адибони давраи мавриди назар асоснок карда шудаанд ва тарзи таҳлил, фикрронӣ ва хулосагириҳои диссертант мантиқан ва илман мувофиқ мебошанд. Рӯйхати адабиёт кофӣ ва ҷавобгӯйи талабот мебошад. Мақолаҳои чопшуда дар коркарди диссертатсия муҳим буда, бо матни диссертатсия мутобиқ аст.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки зикри онҳо барои беҳдошти сифати кор ва зимни чопи диссертатсия чун монография аз манфиат холӣ нест:

1. Муаллиф таҳлилу тасвири муносибатҳои синтаксисии ибораҳои феълиро барзиёд нишон додааст, ки дар натиҷа ҳаҷми диссертатсия афзудааст.

2. Дар диссертатсия муқоисаи ибораҳои феълии осори давраи таҳқиқшаванда бо забони адабии ҳозираи тоҷик кам ба мушоҳида мерасад.

3. Ғалатҳои техникӣ аз қабили часпидани вожаҳо ва ё дур шудани калимаҳо дар саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ба мушоҳида мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ин эродҳои зикргардида аҳамияти илмии таҳқиқоти мазкурро коҳиш намедиҳад. Дастовардҳои илмии таҳқиқот шоистаи дастгирист. Бинобар ин, диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ мебошад.


**Муқарризон:** **Салимов Р. Д.**-доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон

**Табаров Х.Н.**- мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон

**Суроға**: шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30,
Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон

**E-mail:** **S83@mail.ru**, **tabarov-64@mail.ru**

**Телефон:** 934 78 96 76 935 99 83 30


Имзои Салимов Р. Д. ва Табаров Х. Н.-ро тасдиқ мекунам

Сардори Раёсати кадри Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон Давлатов Х. Ҳ.

23.04.2021